*ТДУ 33Т*

**ШАКЛҲОИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ ВА РОБИТАҲОИ БЕРУНИИ ТОҶИКИСТОН**

**Иброҳимов Эркинҷон Ҳасанович**, *дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва демография МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ФОРМЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА И ВНЕШНИХ СВЯЗЕЙ ТАДЖИКИСТАНА**

**Ибрагимов Эркинджон Хасанович,** *доцент кафедры экономической географии и демографии факультета геоэкологии и туризма ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

**FORMS OF ECONOMIC COOPERATION AND FOREIGN RELATIONS OF TAJIKISTAN**

**Ibrohimov Erkinjon Hasanovich,** *Associate Professor of the Department of Economic Geography and Demography, Faculty of Geoecology and Tourism, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** erkin4178@mail.ru

***Калидвожаҳо:*** *бозори ҷаҳонӣ, фаъолияти иқтисодӣ, созишномаҳои дуҷониба, маълумоти оморӣ, стратегияи миллии, рушди иқтисодӣ, сармоягузориҳои хориҷии.*

*Робитаҳои бурунмарзӣ яке аз воситаҳои то меъёри муайян паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ гардида, ба суръати инкишофи илму техника мусоидат мекунад.Тоҷикистон комплекси ягонаи хоҷагии халқ буда, вазъи иҷтимоию иқтисодии он ба тараққиёти иқтисодии давлатҳои дигар зич алоқаманд аст. Баробари афзудани иқтидори иқтисодӣ ва ба мамлакати серсоҳаи саноаташ пешрафта табдил ёфтани Тоҷикистон иштироки он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат зиёд шуд. Маҳсулоти соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ сол аз сол меафзояд. Дар даҳсолаи охир иқтисоддонони дунё ҳарчи бештар ба арзёбии неруи инсонӣ дар рушди иқтисод таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Нигоҳи муосир ба рушди рӯзафзуни ҷамъият инсонро дар маркази диққати на танҳо соҳаи маънавии ҳаёти одамон, балки дар гардиши робитаҳои такрористеҳсолӣ низ мегузорад, ки мазмуни он рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад.*

***Ключевые слова:*** *мировой рынок, экономическая деятельность, двусторонние соглашения, статистические данные, национальная стратегия, экономическое развитие, иностранные инвестиции.*

*В статье рассматриваются вопросы международных связей, что является одним из наиболее эффективных средств снижения издержек производства и способствует темпам развития науки и техники. Отмечается, что Таджикистан представляет собой единый экономический комплекс, и его социально-экономическое положение тесно связано с экономическим развитием других стран. Наряду с ростом экономического потенциала и превращением Таджикистана в многоотраслевую развитую страну, возросло его участие в международном разделении труда. Продукция различных отраслей промышленности Таджикистана на мировом рынке с каждым годом увеличивается. В ходе изучения данной проблемы делается вывод о том, что в последнее десятилетие мировые экономисты все больше внимания уделяют оценке человеческого потенциала в развитии экономики, современный взгляд на растущее развитие общества ставит человека в центр внимания не только духовной сферы жизни людей, но и круговорота воспроизводственных отношений, содержанием которых является социально-экономическое развитие.*

***Keywords:*** *world market, economic activity, bilateral agreements, statistical data, national strategy, economic development, foreign investment.*

*The article dwells on issues of international relations, which is one of the most effective means of reducing production costs and contributes to the pace of development of science and technology. It is noted that Tajikistan is a single economic complex, and its socio-economic situation is closely linked with the economic development of other countries. Along with the growth of economic potential and the transformation of Tajikistan into a multi-industry developed country, its participation in the international division of labor has increased. The products of various industries of Tajikistan on the world market are increasing every year. In the course of studying this problem, it is concluded that in the last decade, world economists have been paying more and more attention to assessing human potential in economic development, a modern view of the growing development of society puts a person in the center of attention not only of the spiritual sphere of people's lives, but also of the cycle of reproductive relations, the content of which is socio-economic development.*

Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаҳои аввали соҳибихтиёрии давлат барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар равона гардидааст.

Баъди истиқлолият баҳри пешрафти равобитҳои иқтисодии берунмарзии Тоҷикистон шароитҳои ниҳоят муҳим фароҳам омад. Зеро ки вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар бо алоқаҳои доимӣ бо иқтисодиёти давлатҳои дигар зич алоқаманд аст. Ҳамкорӣ ва робитаҳои берунмарзӣ яке аз воситаҳои то меъёри муайян паст намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ гардида, ба суръати инкишофи илму техника мусоидат мекунад.

Назар ба дигар шаклҳои ҳархелаи робитаҳои иқтисодии берунӣ дар мамлакати мо савдои берунӣ мавқеи асосӣ дорад. Савдои берунӣ дар ҳама маврид яке аз омилҳои муайянкунанда ва муҳим дар тақсимоти байналхалқии меҳнат амал мекунад ва дар оянда низ фаъолият мекунад. Айни замон савдои берунӣ бо се нишондиҳандаи асосӣ: гардиши молу хизмат, таркиби мол ва тақсимоти географӣ такя мекунад. Авҷ гирифтани фаъолияти савдои берунмарзии Тоҷикистон хусусан баъди Ваҳдати Миллӣ соли 1997 дар тамоми самтҳои асосӣ ба назар мерасад. Дар ин давра ҷумҳурӣ имконият пайдо намуд, ки муносибатҳои тиҷоратии худро бо тамоми давлатҳои ҷаҳон васеъ намояд.

Баробари афзудани иқтидори иқтисодӣ ва ба мамлакати серсоҳаи саноаташ мутараққӣ табдил ёфтани Тоҷикистон иштироки он дар тақсимоти байналхалқии меҳнат зиёд шуд. Маҳсулоти соҳаҳои гуногуни Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ сол аз сол меафзояд. Агар то солҳои замони истиқлол дар содироти мамлакат танҳо маҳсулоти кишоварзӣ бартарӣ дошта бошад, пас ҳоло ҳиссаи металлургияи ранга, саноати сабук ва маҳсулоти дигари саноатӣ низ афзуда истодааст [16].

Барои таъмин намудани рушди босуръати соҳаҳои иқтисоди миллӣ, густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо давлатҳои хориҷӣ, ноил гардидан ба мавқеи сазовор дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳадафи стратегӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқавориро муайян намудааст. Амалӣ намудани ҳадафҳои мазкур вусъат додани равандҳои ба иқтисодиёти кишвар ҷалб намудани сармоягузориҳоро тақозо менамояд. Дар ин самт аҳамияти таҳия ва татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки якҷоя бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ мегарданд, ниҳоят муҳим аст. Дар мавриди ҳозира дар Чумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 57 ададро ташкил дода, зиёда аз 11 соҳаи гуногуни иқтисодиётро дарбар мегиранд. Маблағи умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ 9 млрд. 378 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 3 млрд. 245 млн. сомонӣ ин маблағҳои грантӣ мебошанд. Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои мазкур то ҳоло 5,8 млрд. сомонӣ азхуд карда шудааст, ки ин 62,3% маблағи умумиро ташкил медиҳад ва танҳо дар соли 2012 азхудкунии маблағҳо зиёда аз 880 млн. сомониро ташкил намуд [9].

Ҳоло Тоҷикистон бо 86 мамлакати хориҷии дур равобити иқтисодӣ дорад ва зиёда аз 20 номгӯй маҳсулот мебарорад. Айни замон Тоҷикистон аз ҷониби 130 давлат ба расмият шинохта шудааст ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид мебошад. То соли 2008 қариб 50 %-и робитаҳои берунии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) буда, 31,9 фоиз ба давлатҳои Европа ва 16,1 фоиз ба давлатҳои Осиё рост меомад [9].

Ҳоло дар муносибатҳои берунии Тоҷикистон давраи нави тараққиёти стратегии иқтисодӣ сар шуд, ки мақсади асосии он чунин аст:

– дар мадди аввал барқарор ва инкишоф додани иқтидори содиротии мамлакат аз нигоҳи беҳтаркунии таркиби он;

– ҳар чӣ бештар такмил додани соҳаи воридот;

– пурзӯр кардани рақобатнокии корхонаҳои мамлакат ва беҳтар намудани сифати маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ.

Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳои муассир вобаста ба ислоҳоти соҳаи савдо, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон гардиши савдои хориҷӣ 55 маротиба афзуд. Раванди диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва татбиқи барномаҳои рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ имкон дод, ки сохтори молӣ ва ҷуғрофии содироти кишвар ба таври назаррас тағйир ёбад. Дар сохтори содирот ҳиссаи маҳсулоти тайёри саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, нерӯи барқ, маъданҳои кӯҳӣ, сангҳои қимматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва ғайра батадриҷ афзоиш ёфтааст.

Дар шароити кунунӣ, ки дар натиҷаи бухронҳои сиёсиву иқтисодӣ рақобат дар бозорҳои ҷаҳон шиддат меёбад, Ҳукумати кишвар тасмим гирифт, ки стратегияи содироти кишварро дар давраи миёнамуҳлат ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ

ва хориҷӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои СУС, Иттиҳоди иқтисодии Авро Осиё ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии амалиётҳои бастабанду тамғагузорӣ, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, ташкили хизматрасониҳои логистикӣ, инфрасохтори нақлиёт ва инкишофи менеҷменти сифат равона намояд.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо аз рӯи имкониятҳои истеҳсолӣ ва захираҳои табиии кишвар «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020» қабул гардидааст.

Дар Барнома интихоби самтҳои мушаххаси ояндадор ва бозорҳои мақсаднок, фароҳам овардани шароити ташкилӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди содирот ва воридотивазкунӣ, дастгирии болоравии қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ, ташкили инфрасохтори муносиби содирот, бартараф намудани монеаҳои ғайритарифӣ, дастгирии молиявии ташкилотҳои содиркунанда, ташкили хизматрасониҳои муосири дастраси умум ва ҷорӣ намудани принсипи равзанаи ягона дар асоси технологияҳои замонавии иттилоотию коммуникатсионӣ ба сифати самтҳои стратегии рушди содирот ва воридотивазкунӣ муайян шудаанд.

Рушди босуръати иқтисодиёти кишвар, амалӣ гаштани барномаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаҳои энергетика, роҳсозӣ ва инфрасохторӣ, истеҳсолию иҷтимоӣ, инчунин боло рафтани қобилияти харидории аҳолӣ ба зиёд шудани ҳаҷми воридоти таҷҳизот ва технологияҳои дар истеҳсолот истифодашаванда ва молҳои ниёзи мардум мусоидат намуд. Ба ҷумҳурӣ маъмулан сӯзишворӣ, ҷӯб, металли сиёҳ, маҳсулоти саноати сабук, маҳсулоти саноати мошинсозӣ, автомобилҳо, техникаи кишоварзӣ, таҷҳизот барои соҳаи энергетика, воситаҳои нақлиёт, маводи ғизоӣ ва ғайра ворид карда мешаванд.

Дар самти густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ таъсис ва фаъолияти пурсамари комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникию илмӣ мақоми хоса дорад. То ба имрӯз бо 42 давлати ҷаҳон комиссияҳои байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникию илмӣ амал карда, фаъолияти иқтисодию хориҷии кишвари моро дар доираи робитаҳои дуҷониба танзим менамоянд.

Дар доираи комиссияҳои байниҳукуматӣ фазои сармоягузорӣ, имкониятҳои соҳибкорӣ ва захираҳои табиии Тоҷикистон муаррифӣ мешавад, ки тавассути онҳо ҷалби сармояҳои мустақим ва ғайримустақим ба соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёту коммуникатсия, илму маориф ва иҷтимоию тандурустӣ рӯз аз рӯз меафзояд

Аз ҳисоби сармоягузориҳои хориҷӣ 38 лоиҳаи инвеститсионӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгарди нақлиётӣ татбиқ шуда истодааст. Дар ин муддат сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгарди «Мурғоб – Қулма», «Шоҳон – Зиғар, марҳилаҳои 1, 2, 3», «Шкев – Зиғар», «Душанбе – Қӯрғонтеппа – Данғара – Кӯлоб», «Дӯстӣ – Панҷи Поён, марҳилаҳои 1, 2», «Душанбе – сарҳади Қирғизистон, марҳилаҳои 1, 2, 3», «Душанбе – Чанок – сарҳади Ӯзбекистон», «Қӯрғонтеппа – Дӯстӣ, марҳилаи 1», «Душанбе – Турсунзода – сарҳади Ӯзбекистон», «Айнӣ – Панҷакент – сарҳади Ӯзбекистон», инчунин накбҳои «Истиқлол», «Шаҳристон», «Дӯстӣ», «Озодӣ» ва «Хатлон» ба анҷом расонида шуданд.

Дар ин давра бо 21 давлати хориҷии дур ва 13 давлати хориҷии наздик созишномаҳои дуҷониба ҳамлу нақли мутақобила ба тасвиб расиданд. Ҳамзамон ҷиҳати рушди равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти нақлиёти автомобилӣ 9 конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ имзо шуданд, ки ба беҳтар гардидани ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намудаанд [14].

Дар солҳои Истиқлолият 9 терминали байналмилалии боркашонӣ, 5 терминали мусофирбарӣ сохта ва мавриди истифода қарор гирифтанд. Ҳамчунин теъдоди корхонаҳои нақлиётӣ афзуда, айни ҳол дар ҷумҳурӣ 220 муассисаи нақлиётӣ, 57 терминали мусофирбарӣ, 18 терминали боркашонӣ, 836 хатсайри мусофирбарӣ ва 41 ширкати нақлиёти байналмилалӣ фаъолият доранд.

Дар ин давра соҳаи ҳавопаймоӣ низ ботадриҷ ривоҷ ёфта, бо 21 кишвари хориҷии дуру наздик оид ба алоқаи ҳавоӣ созишномаҳо ба имзо расиданд, ки аз инҳо 7 кишвари ИДМ: Россия, Белорус, Украина, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, 10 кишвари Осиё: Туркия, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой, Покистон, Таиланд, Арабистони Саудӣ, Бахрайн, Корея ва 4 кишвари Аврупо: Люксембург, Олмон, Австрия ва Латвия мебошанд.

Дар соли 2021 мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2021 6359,1 млн. долларро ташкил дод, ки нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб рафта, нисбат ба соли гузашта 39,5 фоиз ё 1801,3 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар соли 2021 содироти мол ба 2149,6 млн. доллар ва воридоти он ба 4209,5 млн. доллар баробар шуд, ки нисбат ба соли 2020

мутаносибан содирот 742,7 млн. доллар ё 52,8 фоиз ва воридот 1058,6 млн. доллар ё 33,6 фоиз афзоиш ёфтааст.Шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 Федератсияи Россия (21,3 фоиз), Қазоқистон (18,5 фоиз), Швейтсария (14,4 фоиз), Хитой (13,2 фоиз), Ӯзбекистон (7 фоиз), Туркия (6,1 фоиз), Ҳиндустон ва Эрон (1,9 фоизӣ), Олмон (1,7 фоиз), Белгия (1,6 фоиз), Ҷопон (1,4 фоиз), Шветсия (1,1 фоиз) ва дигарон ба ҳисоб мераванд [13].Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд - СМР-2030) дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст [11]. Дар шароити суст шудани рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд. Мақомоти давлатӣ дар чунин шароит ҳамчун субъекҳои талошкуниҳои рақобатнок барои сармоягузориҳо саъю кушиш мекунанд ва ба сармоягузорон «маҳсулоти» худро, ки «фазои сармоягузорӣ» мебошад, пешниҳод мекунанд. Бо назардошти ин, ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ, идома медиҳад. Самаранокии фазои соҳибкорӣ бештар аз фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста аст ва бо таъсисдиҳии институти Омбудсмен оид ба ҳуқуқҳои соҳибкорон ҷиҳати ҳалли масъалаҳо дар сатҳи миллӣ пурзӯр мегардад.

Мушкилоти асосӣ дар соҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва шароити сармоягузорӣ аз инҳо иборат аст: – маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалии тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо дурдаст аз бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ ва роҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ алоқаманд аст; – рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини неруи барқ, дараҷаи баланди бюрократизатсияи ҳокимияти давлатӣ; – монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра); – вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва дигар) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ; – номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушднаёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, ноустуворӣ дар бозори асъор ва равандҳои таваррумӣ; – сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ; – мураккаб будани тартиби (монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ) воридот ва содирот ва мавҷуд набудани ҳамкории зарурии минтақавӣ, бахусус дар соҳаи тиҷорат, транзит ва табодули иттилооти экологӣ; – нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо афзалиятҳои чорабиниҳои миллӣ стратегияҳои соҳавии барномаҳои рушди минтақавӣ [11].

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ, давоми солҳои 2007-2021 воруди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон зиёда аз 11 млрд долларро ташкил дод. Сармоягузориҳо танҳо аз Чин (3,3 млрд доллар), Русия (1,6 млрд доллар) ва Қазоқистон (586 млн доллар) ба 50% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷии дар ин давра ҷалбшуда баробар аст (чунин маълумот дар бораи дигар кишварҳои узви СҲШ дастрас нест).

**АДАБИЁТ:**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабр. Душанбе.2017 с.123
2. Баротов Р. Б. Ганҷи кӯҳу водиҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2004.
3. Кузнецов А.П., Ким Э. В. Георафия. Базовый уровень (10- 11 класс), Москва. 2014. С. 101
4. Кабутов М. К. «Географияи иқтисодӣ ва ичтимоии Тоҷикистон», Душанбе, 2005 с. 231
5. К.Ф.Строев М.К. Квалская., В. Я. Ром. Экономическая и социальная география. Изд. «Просвещение» Москва 2010. С. 118
6. Муҳаббатов, Х. М., Диловаров Р. Д. «Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон», Душанбе, 2011 с.- 188
7. Мухаббатов,Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана. Душанбе, «Дониш», 2015. С. 205
8. Минц А. Экономическая оценка естественных ресурсов. Москва. Мисль 1972. С.128
9. Нерӯи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсонӣ. (тадқиқоти илмию амалӣ) Душанбе. 2013 саҳ. -178
10. Рахимбаев А. Р. Таджикистан. – М., 1936 с.89
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.Душанбе -2016 С.86
12. Фёдорова,Т.И. Города Таджикистана. Проблемы роста и развития.-Д.,1981.С.189.
13. «Ҷумҳурият» Санаи нашр: 23.12.2021 №: 249 с. 4
14. Шабакаи интернет. *www.asiaplustj.info/news/.* Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ чӣ гуна молу маҳсулот савдо мекунад ва маблағаш чӣ қадар аст.
15. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Душанбе, «Дониш» 1987. С.338
16. Экономика СНГ. Состояние рынка труда и миграции в СНГ. – М.: 2000. Вып. 4. С.92.


**REFERENCES:**


1. Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan. Socio-economic situation of the Republic of Tajikistan January - December. Dushanbe, 2017. 123 p.
2. Barotov R. B. Ganji mountains and valleys of Tajikistan. Dushanbe, 2004.
3. Kuznetsov A.P., Kim E. V. Geography, Basic level (10-11 classes). M., 2014. 101 p.
4. Kabutov M. K. Economic and social geography of Tajikistan. Dushanbe, 2005. 231 p.
5. K.F. Stroev M. K. Kvalskaya., V. Ya. Rom. Economic and social geography. M.: Enlightenment, 2010. 118 p.
6. Muhabbatov Kh. M., Dilovarov R. D. Economic and social geography of Tajikistan. Dushanbe, 2011. 188 p.
7. Muhabbatov H.M. Problems of natural resource management in mountainous regions of Tajikistan. Dushanbe: Donish, 2015. 205 p.
8. Mints A. Economic assessment of natural resources. Moscow: Thought, 1972. 128 p.
9. Social and economic potential of cities and districts of the Republic of Tajikistan from the point of view of human development. (scientific and practical research) Dushanbe. 2013. 178 p.
10. Rahimbaev A. R. Tajikistan. - M., 1936. 89 p.
11. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Dushanbe, 2016. 86 p.
12. Fedorova T.I. Cities of Tajikistan. Problems of growth and development. Dushanbe, 1981. 189 p.
13. «Jumhurijt» Publication date: 23.12.2021 No.: 249 p. 4
14. Internet. www.asiaplustj.info/news/. What goods and products does Tajikistan trade with the SCO countries and how much is it worth?
15. Soviet Tajik Encyclopedia. Dushanbe: Donish, 1987. 338 p.
16. CIS Economy. State of the labor market and migration in the CIS. M.: 2000. Issue. 4. 92 p.